**Замимаи 1**

## Рӯйхати истисноҳои экологӣ

- Савдои ҳайвоноти ваҳшӣ ва маҳсулоти аз онҳо тайёр кардашуда, ки мувофиқи Эъломияи «СИТЭС» ба танзим даровварда мешаванд;
- истеҳсол, фурӯши яклухт ва савдои пестетсидҳо, гербетсидҳо, инчунин масолеҳи фарматсевтӣ ва дигар моддаҳои зарароваре, ки дар сатҳи байналхалқӣ манъ, ё маҳдуд карда шудаанд;
- Истеҳсол ва савдои молҳое, ки дар таркибашон бифенилҳои полихлорӣ (ПХБ) доранд;
- Маблағгузории терроризм, расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, паҳнкунии силоҳи қатли ом, экстримизм, истеҳсоли силоҳ, гардиши ғайриқонунии маводҳои мухаддир, маводҳои мадҳушкунанда ва прекурсорҳо, фуруши аслиҳа ва ғайра;
- Маблағгузории фаъолияти динӣ ва сиёсӣ. Ҳамчунин, Бонк ба гурӯҳҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ қарз пешниҳод наменамояд;
- Истеҳсол ва/ё фурӯши яклухти маҳсулоти спиртӣ (ба истисноӣ оби ҷав ва шароб);
- Истеҳсол ва/ё фурӯши яклухти маҳсулоти тамоку;
- Истеҳсол ё фуруши силоҳ ва ё лавозимоти ҷангӣ;
- Казино ва муассисаҳои ба он монанд;
- Истеҳсол ё фуруши маводи радиоактивӣ. Ин ба хариди таҷҳизоти тиббӣ, назорати сифати таҷҳизот ва дигар таҷҳизотҳое, ки манбаи радиоактивии ночиз аст ва/ё ба қадри кофӣ муҳофизат шудааст, дахл надорад;
- Истеҳсол ва ё савдои нахҳои азбестӣ. Ин ба харид ва истифодабарии маҳсулоти азбестосементӣ, ки дар таркиби он миқдори азбест на зиёда аз 20%-ро ташкил медиҳад, таалуқ надорад;
- Моҳигирӣ дар муҳити баҳри ва истифодаи тӯр бо дарозии зиёда аз 2,5 км;
- Истеҳсол ё фаъолият бо шаклҳои зараровар ё истисморкунандаи меҳнати маҷбурӣ/меҳнати зараровари кӯдакон;
- Истеҳсол ё фуруши чӯб ва ё дигар маҳсулотҳои ҷангал, ба ғайр аз маҳсулотҳои ҷангалҳои идорашавандаи устувор;
- Истеҳсол, фурӯш, нигоҳдорӣ ё кашонидани миқдори зиёди маҳсулотҳои химиявӣ, ё истифодаи силоҳҳои химиявӣ бо мақсадҳои тиҷоратӣ;
- Истеҳсолот ё фаъолият дар заминҳое, ки моликияти мардуми муқимӣ мебошад ва ё мувофиқи қарори суд моликият шахсӣ эътироф шуда, бе розигии расмии ин мардум, гузаронида мешавад.
- Истеҳсол ё фуруши ҳама гуна маҳсулотҳо ё фаъолияте, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ ё қоидаҳои конвенсия ва шартномаҳои байналмилалӣ ғайриқонунӣ дониста мешаванд;
- Истеҳсол ё савдои моддаҳои озонкунанда;
- Истеҳсол ё истифодаи ифлоскунандаҳои органикӣ ва ё савдои онҳо;
- Кашонидани байнисарҳадии партовҳо, ки мутобиқи хуқуқи оммавии байналхалқӣ манъ карда шудааст;

- Кӯчонидани маҷбурӣ;
- Истихроҷи ангишт ва ё таҷҳизотҳои ангиштӣ барои истеҳсоли электроэнергия;
- Иктишофи (разведка) нафт дар сатҳи болоии обу канал (бьеф);
- Лоиҳаҳои коркарди нафт муқобили маҷрои об, ба ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ, ки даромад аз онҳо ба маҳдудкунии партофтҳои газҳои парникӣ ё сӯзонидани конҳои истихроҷкунандаи амалкунанда равона карда мешаванд;
- Фаъолияте, ки бо хӯрокдиҳии маҷбурии мурғобиҳо ва ғозҳо алоқаманд аст;
- Нигоҳдории ҳайвонот бо мақсади истеҳсоли пашм ва ё ҳамаи дигар фаъолият, ки бо истеҳсоли пашм алоқаманд аст;
- Содироти симоб ва пайвастаҳои симобӣ, инчунин истеҳсол, содирот ва воридоти махсулотҳо бо иловаи симоб;
- Кашонидани нафт ва ё дигар моддаҳои хатарнок дар киштиҳо, ки ба талаботҳои дахлдори ташкилоти байналхалқии баҳри (ТББ) мутобиқат намекунанд;
- Савдои молҳо бе иҷозатномаи зарурии содиротӣ ва ё воридоти ё дигар иҷозатномаи транзитӣ аз давлатҳои содиркунанда, воридкунанда, дар ҳоле, ки агар транзит ҷой дошта бошад;
- Фаъолияте, ки бо воситаҳои ахбори оммаи зиддинажодӣ ва ё зиддидемократӣ алоқаманд аст;
- Фаъолияте, ки ба нобут кардани ҳудудҳои арзиши баланди хифзи табиат дошта мебарад;
- Табдили назаррас ва ё деградатсияи муҳити зист;
- Тағйири назаррас, расонидани зарар ва ё нобут сохтани ҳамаи меросҳои мадании муҳим;